**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ омода гардидааст, пешниҳод мешавад.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Интихоботи Президент яке аз рукнҳои асосиии давлатдории демократӣ ва ифодаи бевоситаи ҳокимияти халк маҳсуб меёбад. Дар шароити кунунии рушди давлатдори бо риояи принсипҳои демократи ташкил ва баргузор намуданӣ интихоботи Президент- шали асосии таҷассуми соҳибихтиёрӣ, таъмини истиқлоли комили сиёсӣ, воситаи муҳимми рушди идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимми халқро дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ифода менамояд. Нишондиҳандаи асосии давлатдории демократӣ ҷомеаи муосир-итихоботи шаффофу озод мебошад, ки дар ташаккули ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ дорад.

Гузаронидани интихоботи даврии озод асоси демократияро ташкил медиҳад. Тавассути интихобот шаҳрвандон-интихобкунандагон бевоситаи ҳокимияти давлатиро амали месозанд. Интихоботи президент - яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсии ҳаёти давлат ба ҳисоб рафта, дурнамои рушди давлатро дар давраи муқарраршуда муайян мекунад. (саҳ. 3).

Бодя тазаккур дод, ки мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Олимзода М.А. дар автореферат ба таври возеҳ мубрамияти мавзуъро нишон дода, ба зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудааст. Хусусан, чунин хулосаҳои муаллиф аз нуқтаи назари доктрина ва амалия диққатҷалбкунанда аст:

“Дар кишварҳои бо низоми демократӣ рушдкунанда ташкил ва гузаронидани интихобот дар шакли муайян амалӣ шуда, ҳадафи

асосии онро демократикунонии ҷомеа ва таъмини озодии изҳори иродаи халқ ташкил медиҳад. Интихобот яке аз шаклҳои муҳимтарини қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Интихобот равандест, ки дар чаҳорчӯби сохтори демократӣ ташкил мегардад ва ҳадафи асосии он таъмини имкони изҳори озоди иродаи мардум ва мусоидат ба таҳкими демократия дар ҷомеа мебошад. Ҳуқуқи интихоботӣ як шакли демократиро меноманд, ки мақсад барои рушди ҷомеа ва изҳори озоди иродаи халқ, инчунин, таъмини ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон, ба шумор рафта, дар асоси ин ҳуқуқ шаҳрвандон имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ё идоракунии давлатиро пайдо менамоянд.

Мурофиаи интихоботи президентӣ ин низоми муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар раванди ташкил, бақайдгирӣ, овоздиҳии фаъол ва ғайрифаъол, интихоботи асосӣ ва такрорӣ, ташкили комиссияҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Муаллиф чунин мешуморад, ки ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот дар доираи муққарароти қонунгузорӣ сурат гирифта, ҳуқуқҳои фитрӣ ба шумор меравад.

Ҳуқуқи интихоботӣ – ин имконияти инсон ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи ҳуқуқҳои сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад. Ҳуқуқи интихоботӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа нақши муассир дошта, масъулияти ҳар шахс дар интихоб, қарор ва амали худ ба шумор меравад.” (саҳ. 11)

Муаллиф дар автореферат ба таври муфассал назарияҳои мавҷудаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили З. Ализода, С.А. Авакян, С.А. Абдулаҳадзода, М.С. Сулаймонзода, Р.Ш. Шарофзода, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Б.С. Гадоев, Э.Б. Буризода, Ҷ.М. Зоир, Бойсова Л.В, Бобракова, Н. В, Баглай М.В, С.А. Воробева, А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудсина, А.М. Диноршоҳ, Вешняков А.А, В. Загородский, А.В. Заритский, А.И. Имомов, Г.К. Искакова, И.В. Евдокимов, И.И. Камолов, Т.Г. Командирова, С.Д. Князев, О.В Кузнетсова,. Е.А. Лукашева, Ҷ.М. Зоир, М.Н. Марченко, К.Т. Мухторов, Н.И. Матузов, Н.А. Михалева, М.А. Маҳмудзода, Д.М. Муллоев, Э.С. Насриддинзода, З. Додобоева, А. Маҳмад, Ш. Саймудинов, Т. Назаров, Н.А. Тарабан, С.Ю. Ордомская, Е.А. Олимов, А.А. Пронин, Д.С. Раҳмон, Ф.М. Рудинский, В.И. Фадеев, А.Ғ. Холиқзода, Д.Х. Элназаров, Ҷ.Н. Ҷамшедзода ва дигаронро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Методологияи таҳқиқот яке аз нуктаҳои муҳими таҳқиқот буда, муаллиф аз усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили методҳои диалектикӣ, низомнокӣ, таркибӣ ва функсионалӣ, усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода бурдааст. Ин усулҳо имкон додаанд, ки мавзуи таҳқиқот аз ҷанбаҳои гуногун - назариявӣ, амалӣ ва таърихӣ - мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар пажуҳиши ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки он аввалин таҳқиқот дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ оид ба асосҳои ҳуқуқи -конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ бо назардошти анъанаҳои таърихӣ ва тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии он дар ҷомеа буда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамояд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии кор дар автореферата диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар нуктаи 3, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, қайд карда мешавад “Пешбарии номзадон на танҳо оғози марҳилаи фаъоли раванди интихоботиро рамзгузорӣ мекунад, балки заминаи мусоидро барои муборизаи рақобатноки сиёсӣ фароҳам оварда, ба он сохтори ҳуқуқӣ ва ташкилии зарурӣ медиҳад”. Вобаста ба ин аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар рафти ҳимоя зери “сохтори ҳуқуқӣ” ва “ташкилии зарурӣ” чи фаҳмида мешавад ва онҳо бо “пешбарии номзадон” чи алоқаманди дорад - шарҳ диҳад.

Бояд тазаккур дод, ки эроди овардашуда, ба мазмун ва баҳои умумии кори илмии анҷомдода таъсир намерасонад. Баръакс аз мубрам будани мавзӯи таҳқиқот далолат медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз, авторефёрати М.А. Олимзода ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, мавзӯи таҳқиқот аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам аст. Таҳлили амиқи назарияҳои илмй, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои такмили қонунгузории Ҷумуҳрии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таҳқиқот дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур метавонад дар пешбурди ислоҳоти қонунгузорӣ, такмили амалияи ҳуқуқӣ ва таълими фанни ҳуқуқи конститутсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон истифода шавад. Бо дарназардошти сатҳи баланди таҳқиқот ва саҳми он дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ, Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Судяи Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҷамшедзода Ҷ.Н.

Имзои Ҷамшедзода Ҷ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
сармутахассис оид ба кор бо кадрҳо ва
корҳои махсуси Дастгоҳи Суди
конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Н.А.

“18” 11 2025 с.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 48, 3. E-mail: Jamshed_j.n1973@bk.ru; Факс: (+992 37) 2212316